# ТАҚРИЗ

ба диссертатсияи Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар ухдадориҳои шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст

**Мубрамият ва аҳаммияти илмии мавзуи диссертатсия**

Дар шароити муосири рушди муомилоти маданӣ, густариши муносибатҳои бозорӣ, болоравии нақши шартнома ҳамчун воситаи асосии танзими хусусӣ-ҳуқуқӣ ва афзоиши талаботи иҷтимоӣ нисбат ба ҳимояи ҳуқуқи харидор масъалаи сифати мол аҳаммияти махсуси назариявӣ ва амалӣ пайдо кардааст. Сифати мол на танҳо нишонаи иқтисодӣ ё техникист, он ба сатҳи эътимоди иштирокчиёни муомилот, суботи шартнома, ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон, рақобатпазирии молҳои ватанӣ ва самаранокии умумии низоми ҳуқуқи маданӣ таъсири мустақим мерасонад.

Диссертатсияи Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло маҳз ба яке аз чунин масъалаҳои мабрами ҳуқуқи маданӣ бахшида шудааст. Мавзуи интихобгардида аз он ҷиҳат қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои умумӣ оид ба сифати мол мавҷуд бошанд ҳам, масъалаҳои мафҳуми ҳуқуқии сифат, тарзи муайян намудани он дар шартномаи хариду фурӯш, таносуби он бо дигар шартҳои шартнома, кафолати сифат, санҷиши мол, нуқсонҳои ошкору пинҳонӣ ва оқибатҳои ҳуқуқии пешниҳоди моли бесифат ҳанӯз ҳам дар назария ва амалия баҳснок боқӣ мемонанд.

Мубрамияти таҳқиқот инчунин аз он бармеояд, ки иқтисоди миллӣ дар шароити ҳамгироӣ ба бозорҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ наметавонад бе низоми мукаммали талаботи сифат ва бе воситаҳои шартномавии таъминкунандаи он рушд намояд. Агар қонун талаботи умумиро муқаррар

кунад, шартнома имкони мушаххасгардонии ҳамин талаботро нисбат ба моли муайян, муносибати муайян ва манфиати муайяни тарафҳо фароҳам меорад. Аз ин нуқтаи назар таҳқиқи рисола танҳо хусусияти назариявӣ надошта, ба эҳтиёҷоти воқеии муомилоти маданӣ ва соҳибкорӣ ҷавоб медиҳад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯи мавзуъ, ҳадаф, вазифаҳо ва муҳтавои илмии худ ба талаботи шиносномаи ихтисоси 5.5.3 – «Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ» мутобиқ мебошад.

Дар кори илмӣ масъалаҳои марбут ба муносибатҳои ҳуқуқии хариду фурӯш ҳамчун яке аз институтҳои муҳими ҳуқуқи маданӣ таҳлил гардидаанд. Дар ин замина хусусиятҳои ҳуқуқии шарт оид ба сифати мол, мавқеи он дар сохтори шартномаи хариду фурӯш, тартиби муайян намудани нишондиҳандаҳои сифат, инчунин масъулияти тарафҳо барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби ухдадориҳои вобаста ба сифати мол мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот ба рушди донишҳои назариявӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ мусоидат намуда, барои такмили меъёрҳои қонунгузории граждани ва баланд бардоштани самаранокии амалияи татбиқи ҳуқуқ аҳаммияти амалӣ доранд. Аз ин рӯ, муҳтавои диссертатсия ба самтҳои таҳқиқотии дар шиносномаи ихтисоси мазкур пешбинишуда пурра мувофиқат менамояд.

**Дараҷаи асоснокии илмӣ ва методологии таҳқиқот**

Таҳқиқот дорои заминаи муайяни назариявӣ, меъёрӣ ва методологӣ мебошад. Муаллиф ҳангоми таҳияи диссертатсия ба дастовардҳои илми ҳуқуқи маданӣ, назарияи ухдадориҳои шартномавӣ, таълимот дар бораи шартҳои шартнома, ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ ва воситаҳои ҳифзи ҳуқуқи харидор такя намудааст. Мавқеи олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар робита ба сифати мол, шартҳои шартномавӣ, кафолати сифат ва оқибатҳои ҳуқуқии вайрон кардани

ухдадориҳо баррасӣ гардида, барои асоснок намудани хулосаҳои муаллиф истифода шудааст.

Аз ҷиҳати методологӣ дар рисола истифодаи усулҳои таҳлили низомнок, усули расмӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, тафсири меъёрҳои ҳуқуқ ва усули тарҳсозии ҳуқуқӣ ба назар мерасад. Истифодаи ин усулҳо ба муаллиф имкон додааст, ки шарти сифати молро на дар шакли ҷудогона, балки ҳамчун унсури дохилии низоми ухдадории хариду фурӯш таҳлил намояд. Дар натиҷа робитаи сифат бо предмети шартнома, миқдор, мӯҳлат, тартиби қабул, кафолат, нарх ва воситаҳои ҳифзи ҳуқуқ равшантар нишон дода шудааст.

Ҷиҳати мусбати таҳқиқот дар он аст, ки муаллиф мавзӯъро аз нуқтаи назари як марҳилаи алоҳидаи шартнома маҳдуд накарда, онро дар тамоми гардиши муносибати шартномавӣ - аз давраи пеш аз бастани шартнома, марҳилаи бастан, иҷро, қабул ва санҷиши мол то ба миён омадани оқибатҳои ҳуқуқии иҷрои номатлуб таҳлил менамояд. Чунин тарзи таҳқиқ ба табиати динамикии ухдадории шартномавӣ мувофиқ буда, имконият медиҳад, ки сифат ҳамчун категорияи ҳуқуқии тағйирёбанда» ва таъсиргузор ба ҳамаи марҳилаҳои муносибати шартномавӣ арзёбӣ гардад.

**Навгонии илмӣ ва саҳми муаллиф дар рушди ҳуқуқи маданӣ**

Навгонии илмии диссертатсия пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи шарти сифати мол дар ухдадориҳои шартномаи хариду фурӯш дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври маҷмуӣ, пайдарҳам ва мустақил мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки сифати молро на танҳо ҳамчун маҷмуи хусусиятҳои истеъмолӣ, балки ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ, шартномаии танзимшаванда ва асоси ба миён омадани оқибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ нишон диҳад.

Махсӯсан, пешниҳоди муаллиф оид ба дақиқтар намудани мафҳуми «сифати мол» аҳаммияти назариявӣ дорад. Дар рисола зикр мегардад, ки сифати мол бояд ҳамчун мутобиқати маҷмуи хусусиятҳои мол ба талаботе фаҳмида шавад, ки дар шартнома, стандарти давлатӣ ё регламенти техникӣ пешбинӣ гардидааст. Ин равиш аз он ҷиҳат қобили дастгирист, ки робитаи меъёрҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ ва воситаҳои хусусӣ-ҳуқуқиро дар як мафҳуми ягона муттаҳид мекунад ва ба тарафҳо имконият медиҳад, ки меъёри баҳодиҳии иҷрои ӯҳдадории фурӯшандаро пешакӣ муайян намоянд.

Муаллиф инчунин ба масъалаи таносуби шарти сифати мол бо дигар шартҳои муҳими шартнома таваҷҷуҳи махсус додааст. Ин нукта аз нигоҳи назарияи шартнома муҳим мебошад, зеро дар амалия баҳсҳо аксар вакт на аз сабаби набудани шарт дар бораи сифат, балки аз сабаби номуайян будани ҷойгоҳи он дар маҷмуи шартҳои дигари шартнома ба миён меоянд. Муайян намудани ҳамин робита барои пешгирии баҳсҳои оянда ва барои дуруст татбиқ намудани воситаҳои ҳифзи ҳуқуқи харидор аҳаммияти ҷиддӣ дорад.

Саҳми дигари муаллиф дар он аст, ки оқибатҳои ҳуқуқии пешниҳоди моли бесифат дар рисола танҳо ҳамчун масъалаи ҷавобгарӣ не, балки ҳамчун низоми воситаҳои ҳифзи ҳуқуқи харидор баррасӣ шудаанд. Иваз намудани мол, бартараф намудани нуқсонҳо, мутаносибан кам кардани нарх, ҷуброни зарар, рад кардани иҷро ё бекор кардани шартнома дар диссертатсия дар алоқамандӣ бо вазифаи умумии барқарор намудани тавозуни шартномавӣ таҳлил гардидаанд.

Натиҷаҳои илмии бадастомада на танҳо дар матни диссертатсия инъикос ёфтаанд, балки дар як қатор нашрияҳои илмӣ низ апробатсия шудаанд.

**Инъикоси натиҷаҳои таҳқиқот дар нашрияҳои илмӣ**

Муҳтавои асосӣ ва натиҷаҳои диссертатсия дар 13 мақолаи илмии муаллиф инъикос гардидаанд. Аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии

тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба нашр расидаанд.

Интишороти илмии муаллиф масъалаҳои асосии таҳқиқот, натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои илмии пешниҳодшударо дар бар мегиранд. Автореферат низ муҳтавои диссертатсияро дуруст инъикос намуда, маълумоти мухтасарро оид ба мақсад, вазифаҳо, навгонии илмӣ ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот фароҳам меорад.

**Сохтор ва мазмуни асосии диссертатсия**

Сохтори диссертатсия ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ мебошад. Рисола аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат аст. Ин таркиб имкон медиҳад, ки масъала аз асосҳои назариявӣ оғоз гардида, ба таҳлили хусусиятҳои шартномавӣ ва баъдан ба оқибатҳои ҳуқуқии вайрон гардидани ухдадориҳо гузарад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмет, асосҳои назариявӣ, методологӣ, меъёрӣ ва эмпирикӣ, навгонии илмӣ, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда ва аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот муайян гардидаанд. Бартарии муқаддима дар он аст, ки муаллиф аҳаммияти мавзуъро бо зарурати таъмини сифати мол, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва рушди муомилоти шартномавӣ пайваст менамояд.

Боби якум ба асосҳои ҳуқуқии шарти сифати мол дар ухдадориҳои шартномаи хариду фурӯш бахшида шудааст. Дар ин боб мафҳум, мазмун ва аҳаммияти ҳуқуқии шарти сифат таҳлил гардида, таносуби он бо дигар шартҳои шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ вобаста ба бегона кардани амвол баррасӣ

мешавад. Муаллиф дуруст нишон медиҳад, ки сифат бо предмети шартнома робитаи ногусастанӣ дошта бошад ҳам, ба он пурра фурӯ бурда намешавад; сифат меъёри мустақили арзёбии иҷрои уҳдадории фурӯшанда мебошад.

Боби дуюм хусусиятҳои ҳуқуқии шарти сифати молро дар марҳилаҳои бастан, иҷро ва қатъи шартномаи хариду фурӯш дар бар мегирад. Таҳлили муаллиф дар ин ҷо бештар хусусияти амалӣ пайдо мекунад, зеро масъалаҳои муқаррар намудани талаботи сифат дар шартнома, истифодаи стандартҳо ва регламентҳои техникӣ, тавсифи мол, санҷиши сифат, қабули мол ва рафтори тарафҳо ҳангоми ошкор гардидани нуқсонҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дуруст таъкид мегардад, ки марҳилаи бастани шартнома барои пешгирии баҳсҳои минбаъда аҳаммияти ҳалкунанда дорад.

Боби сеюм ба оқибатҳои ҳуқуқии иҷро нагардидан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба бегона кардани моли босифат бахшида шудааст. Муаллиф дар ин қисмат асосҳои ба миён омадани оқибатҳои ҳуқуқӣ, навъҳои онҳо ва механизмҳои татбиқи воситаҳои маданӣ-ҳуқуқиро таҳлил менамояд. Арзиши илмии ин боб дар он аст, ки он масъалаи сифати молро аз доираи мафҳум ва шарт берун бароварда, ба сатҳи ҳифзи ҳуқуқ, ҷавобгарӣ, исбот ва барқарорсозии манфиати вайроншуда мегузаронад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Аҳаммияти назариявии рисола дар он ифода меёбад, ки дар он барои дарки ҳуқуқии сифати мол ҳамчун категорияи шартномавӣ ва ҳамчун меъёри иҷрои уҳдадории фурӯшанда заминаи илмӣ пешниҳод шудааст. Хулосаҳои муаллиф метавонанд дар таҳқиқоти минбаъда оид ба шартномаи хариду фурӯш, ҳуқуқи уҳдадориҳо, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва танзими шартномавии сифати мол истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии диссертатсия низ назаррас мебошад. Тавсияҳои муаллиф оид ба ворид намудани таърифи ҳуқуқии сифати мол ба қонунгузорӣ,

мушаххас намудани шартҳои сифат дар шартнома, истифодаи стандартҳо ва регламентҳои техникӣ, инчунин пешбинӣ намудани механизми санҷиш ва қабули мол метавонанд дар фаъолияти шартномасозии субъектҳои соҳибкорӣ, фаъолияти ҳуқуқшиносони амалӣ, мақомоти судӣ ва таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Аз нигоҳи ҳуқуқтатбиқкунӣ, рисола дорои аҳаммияти хос аст, зеро баҳсҳои вобаста ба сифати мол одатан бо масъалаҳои мураккаби исбот, ташхиси техникӣ, мӯҳлатҳои даъво, кафолат, робитаи сабабӣ ва андозаи зарар алоқаманд мебошанд. Таҳқиқи чунин масъалаҳо метавонад ба ташаккули амалияи нисбатан ягонаи судӣ ва ба баланд гардидани фарҳанги шартномавии тарафҳо мусоидат намояд.

**Эродҳо ва масъалаҳои баҳсталаб**

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва натиҷаҳои назарраси таҳқиқот, баъзе масъалаҳо низ ҷой доранд, ки метавонанд ҳамчун мавзуи муҳокимаи илмӣ ва ё такмили минбаъдаи таҳқиқот мавриди таваҷҷуҳ қарор гиранд.

1. Дар рисола масъалаҳои вобаста ба стандартҳо ва регламентҳои техникӣ ҳангоми муайян намудани сифати мол таҳлил шудаанд. Ба назари мо, таносуби байни талаботи ҳатмии қонунгузорӣ ва шартҳои бо мувофиқаи тарафҳо муқарраршаванда метавонист муфассалтар шарҳ дода шавад (саҳ. 63–70).

2. Ҳангоми баррасии оқибатҳои пешниҳоди моли бесифат масъалаи тақсимоти бори исбот байни харидор ва фурӯшанда мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар айни замон, баъзе ҷанбаҳои амалии татбиқи ин қоидаҳо метавонанд равшантар инъикос карда шаванд (саҳ. 111–133).

3. Дар таҳқиқот аз таҷрибаи ҳуқуқии хориҷӣ истифода шудааст. Бо вуҷуди ин, таҳлили муқоисавии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории баъзе давлатҳои дигар метавонист васеътар анҷом дода шавад, ки ин барои асоснокии бештари баъзе хулосаҳои пешниҳодшуда мусоидат менамуд.

Эродҳои баёншуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба муҳтавои асосӣ, навгонии илмӣ ва арзиши назариявию амалии диссертатсия таъсир намерасонанд. Онҳо бештар ба баъзе ҷанбаҳои алоҳидаи таҳқиқот дахл дошта, метавонанд барои густариши минбаъдаи пажӯҳишҳои илмӣ дар ин самт замина фароҳам оваранд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло таҳқиқоти мустақили илмӣ буда, ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳими назария ва амалияи ҳуқуқи маданӣ бахшида шудааст. Муаллиф тавонистааст масъалаҳои марбут ба шарти сифати молро дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш ба таври пайдарҳам ва мантиқӣ таҳлил намуда, ҷанбаҳои асосии ҳуқуқии онро дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор диҳад.

Дар раванди таҳқиқот мафҳум ва моҳияти ҳуқуқии сифати мол, ҷойгоҳи он дар сохтори муносибатҳои шартномавӣ, хусусиятҳои муайян намудани сифати мол дар марҳилаҳои гуногуни иҷрои шартнома, инчунин оқибатҳои ҳуқуқии вайрон гардидани талаботи сифат таҳлил гардидаанд. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии муаллиф бо муҳтавои таҳқиқот алоқаманд буда, аз таҳлили маводи назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ мантиқан бармеоянд.

Арзиши илмии рисола дар таҳқиқи маҷмуии масъалаи шарти сифати мол, мушаххас намудани баъзе паҳлуҳои назариявии он ва асоснок намудани як қатор хулосаҳои муҳим ифода меёбад. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои такмили қонунгузории маданӣ, фаъолияти шартномасозӣ, амалияи судӣ ва таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи уҳдадориҳо мавриди истифода қарор гиранд.

Дар асоси таҳлили муҳтавои диссертатсия, сатҳи коркарди илмии масъала, асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодҳои пешниҳодшуда, навгонии

натиҷаҳои бадастомада ва аҳаммияти онҳо барои рушди ҳуқуқи маданӣ метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

Аз ин рӯ, Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – «Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ» дониста мешавад.

**Муқаррizи расмӣ:**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи маданӣ
ва иқтисодии факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Мирзоев П.И.

**Суроғаи муқарриз:** 734060, Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н.Фирдавсӣ куч Яккатут 144
Телефон:404-17-71-71
Эллектрони почта:mirzoev-p-87@ mail.ru

**Имзои** Мирзоев П.И.**-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо,коргузорӣ ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
номзади илмҳои педагогӣ Насриддинзода А.Н.

РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРИ ВА КОРҲОИ МАХСУС
УПРАВЛЕНИЕ ... ДЕЛО ПРОИЗВОДСТВА И СПЕЦЧАСТИ

**Суроғa муассиса**: 734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе,
куч. Саид Носир, 33
Телефон: +992(37) 224-17-86, 372-24-17-86

«08» 06 2026 с.